# ПРОТОКОЛИ № 6

чаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-094-и назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

аз 24 феврали соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
Аз 11 нафар аъзои
шурои диссертатсионӣ 9 нафар,
аз рӯйи ихтисос 3 нафар доктори илм

Таърихи 24 феврали соли 2026, соати 14:00 дар толори шурои диссертатсионии Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" (734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73-а) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-094 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 16-10.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои санъатшиносӣ,профессор Ульмасов Ф.А.
**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои санъатшиносӣ, дотсент Раҳимзода К.С.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2025, №4 тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 9 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташуаро баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи "Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ эстетикии хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ).

Дисертатсия дар кафедраи "санъатшиносӣ ва назарияи мусиқӣ"-и Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати

Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ, номзади илмҳои педагогӣ, Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна - дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ» мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**1.Юлдашева Мавжуда Рахматовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

**2.Алиев Асрор Бахридинович** - номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), сармутахассис оид ба таҳсилоти лоиҳаи "Муҳити таълим асоси таҳсилоти босифат", татбиққунанда Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар -** Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров".

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. Раиси шуро: Улмасов Фируз Абдушукурович.
2. Котиби илмии шуро: Раҳимзода Кароматулло Самандар.
3. Довталаб: Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин.

Муаллифи диссертатсия ба муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дода, ба саволҳои аъзои шуро, доктори илмҳои филологӣ, Муминҷонов Зулфиддин, номзади илмҳои педагогӣ Хайруллозода Баҳрулло Хайрулло, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Назарова Зебуниссо Эшонқуловна ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии довталаб, номзади илмҳои педагогӣ Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

**1.Юлдашева Мавжуда Рахматовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;

**2.Алиев Асрор Баҳридинович** - номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), сармутахассис оид ба таҳсилоти лоиҳаи "Муҳити таълим асоси таҳсилоти босифат", татбиққунанда Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Наимзода Дилором Наим - номзади илмҳои педагогӣ,
2. Мавлоназаров Силмон Соибназарович - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;
3. Хоҷаев Қурбон Тоирович, доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
4.Зафари Шариф - доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзои

шурои диссертатсионӣ таъин гардид: Назарова Зебунисо Эшонқуловна, номзади илмҳои педагогӣ - раиси комиссия, Эшонқулов Мурод Эгамқулович, номзади илмҳои санъатшиносӣ - аъзои комиссияи ҳисоб, – Муминова Ҳаётхон Аслоновна, номзади илмҳои таърих - аъзои комиссияи ҳисоб.
Аз 9 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта, дар бахши овоздиҳӣ 9 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 3 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.
Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 9 нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор – нест.
Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб, тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-094- и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»**

аз 24.02.2026 ш. Душанбе

Суханронии Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи “Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ), тақризи муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”, суханронии муқарризони расмӣ – Юлдашева Мавжуда Рахматовна - доктори илмҳои педагогӣ, профессор; Алиев Асрор Баҳридинович - номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), муқарризони ғайрирасмӣ - доктори илмҳои таърих, Ҳасанова Манзура Муҳиддиновна, номзади илмҳои педагогӣ, Назарова Зебунисо Эшонқуловна, номзади илмҳои педагогӣ, Хайруллозода Баҳрулло Хайруллоро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи “Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии

хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) дода шавад;

4. Барои додани дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) ба Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 9 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои санъатшиносӣ,
профессор Улмасов Ф.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои санъатшиносӣ Раҳимзода К.С.

Имзоҳои Улмасов Фируз ва
Раҳимзода Кароматуллоро тасдиқ мекунам:
Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «ДДФСТ ба номи
Мирзо Турсунзода» Нуридинзода Ф.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Маълумот барои тамос:
Нишонӣ: 734032, ш.Душанбе, кӯчаи Борбад, 73а.
МДТ «ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода».
Тел.: +992 372 2311827
Сомона: www. ddst.tj

«24» 02 соли 2026